**Лоиҳаи “Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати устуворӣ ба зидди офатҳои табиӣ”**

Миссия баҳории Бонки Умумиҷаҳонӣ

Аз 25 апрел то 12 майи соли 2022 Миссияи Бонки Умумиҷаҳонӣ раванди татбиқи лоиҳаи “Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати устуворӣ ба зидди офатҳои табиӣ”-ро мавриди санҷиш қарор дод.

Миссия дар рӯзи аввал бо кормандони Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи Лоиҳаи “Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот”-и назди Вазорати молия мулоқоти корӣ анҷом дод.

Ҳангоми вохӯрӣ масъалаҳои муҳимтарин дар доираи Лоиҳаи “Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати устуворӣ ба зидди офатҳои табиӣ” баррасӣ гардиданд.





**Вохӯрии Миссияи БҶ бо кормандони Маркази татбиқи Лоиҳаи Вазорати молия**

Дар доираи Компоненти 1-и Лоиҳа аъзои миссия дар шаҳри Душанбе, дар ҳудуди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании аз сохтмони бинои Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои буҳронӣ дидан намуданд.





**Боздид аз сохтмони бинои Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои буҳронӣ**

Ҳангоми санҷиши рафти корҳо аъзои Миссия ба ВМКБ ва вилояти Хатлон сафар карда, бо корҳои барқарорсозии пулҳо ва соҳилмустаҳкамкунӣ аз наздик дидан намуданд.

Дар доираи Компоненти 2.1 Миссия бо раванди сохтмони пулҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон шинос шуданд. Дар вилояти бо дастгирии Лоиҳа 17 пул барқарор карда мешавад.

Дар ноҳияи Дарвоз 2 пул (рақамҳои 14 ва 15) барқарор карда шуд, пули дар Гулдара бунёдгардида дар кишвар назир надорад.





Дар ноҳияҳои Ванҷ ва Рӯшон 11 адад пул пурра навсозӣ гардиданд.





**Ноҳияи Ванҷ, пули №7** **Ноҳияи Рӯшон, пули №9**





**Вохӯрии аъзои Миссия бо бинокрон** **Вохӯрӣ дар Вазорати нақлиёт**

Дар доираи Компоненти 2.2. аъзои Миссия бо раванди корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар вилояти Хатлон шинос шуданд. Бояд қайд кард, ки дар ҳудуди вилоят бештар аз 27,5 километр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ анҷом дода мешавад.



**Шиносии аъзои миссия бо корҳои соҳилмусташкамкунӣ дар ноҳияи Қубодиён**

Дар баробари баррасии раванди татбиқи лоиҳа аъзои Миссия инчунин ҷиҳати омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба лоиҳаи дигари Бонки Умумиҷаҳонӣ –“ Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ бо масъулини Вазорати молия, Вазорати нақлиёт ва Кумитаи ҳаолатҳои вафқулодда ва мудофиаи гражданӣ вохӯриҳо анҷом доданд.